**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А. ба диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Таъғиротҳои дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолияти давлатӣ ба вуқӯъ омада, бевосита тамоми соҳаҳои низоми таҳсилотро, аз он ҷумла, корҳои касбинтихобкуниро фаро гирифта вазифаю муносибатҳои навро талаб менамояд. Бинобар ин, раванди корҳои касбинтихобкунӣ дар шароити тағйирёбии низоми маориф таҷдиди назари моҳият ва мундариҷаи корҳои касбинтихобкуниро тақозо мекунад, ки бешубҳа, ҷустуҷӯи илмӣ-педагогӣ ва дарёфти шаклҳои нави корҳои касбинтихобкуниро пешбинӣ менамояд. Мақсади асосии корҳои касбинтихобкунӣ ба вуҷуд овардани имкониятҳои воқеии истифодаи иқтидори тамоми аъзои ҷомеа дар хоҷагии халқ бо назардошти қобилияту манфиатҳои ҳар як шахс ва талаботи давлат ба кадрҳои баландихтисос мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуданд. Ин дастури Пешвои миллат оқилонаю саривақтӣ буда, барои рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷои кору маоши муносиб, ғанигардонии буҷаи давлат ва рақобатпазир намудани иқтисоди миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо фаъолияти дилхоҳ ба талаботи иҷтимоии ҷомеа, шарти ҳалкунандаи самарабахш ва пешрафти он табдил меёбад. Бинобар он ҳалли ин масъалаҳо бе омодасозии

саривақтии насли наврас ба худмуайянкунии бошууронаи касбӣ, дар навбати худ имкон медиҳад, ки талаботи ҷамъият ба ин ё он намуди касб ба омили пешбари раванди мазкур табдил дода шавад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Носирова М.Н. дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, баррасӣ шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия «Пайдоиш ва рушди касб аз давраи атиқа то замони муосир» аз тарафи диссертант оид ба рушди касбии аҷдоди мо бо мурури вақт, тадриҷан на танҳо ба тайёр кардани олотҳои муайян, балки фаҳмидани сохтору хосиятҳои масолеҳи истифодашаванда низ сабаб гардид. Аз намуди зоҳирии онҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки аллакай дар ин давра одамон дар бораи хелҳо ва хосиятҳои сангҳо (мулоим, сахт, зудшикан) маълумот доштанд ва дониши худро ҳангоми тайёр кардани аслиҳаҳои таъиноташон гуногун истифода мебурданд. Дар асоси омӯзиши маводи таърихии мавҷуда муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи мезолит теъдоди аҳолӣ дар шароити модарсолорӣ-авлодӣ нисбатан зиёд будааст. Дар ин давра натиҷаи самтгирӣ ба махсусияти касб фаҳмиши нави моҳияти касб ба миён меояд. Ҳамин тариқ, дар фарҳанги Авестоӣ ҳунарҳое, аз қабили оҳангарӣ, бофандагӣ, мусиқавӣ, заргарӣ, кулолгарӣ ва ғайра бо эҳтироми махсус

тавсиф шудаанд, ҳарчанд ин таърифу тавсифҳо ба пояи ситоиши шеъру шоирӣ намерасад. Дар ин бобат бисёр асарҳои меъморӣ, ҳайкалтарошӣ ва рассомӣ, ҳамчунин унсурҳои маишӣ, либос ва ғайра шаҳодат медиҳанд. Ба фикри муаллифи рисола онҳо исбот менамоянд, ки дар ин давраи таърихӣ дар Осиёи Миёна намояндагони ихтисосҳои мухталиф, ки бо касбҳои дар боло зикргардида, алоқаманд буданд, зиндагӣ ва фаъолият мебурданд, осорашонро ба насли оянда ба мерос гузоштаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бо ақидаи муаллиф пешрафти илм ба рушди санъат, махсусан, санъати ороишгарӣ таъсир расонид, ки имрӯз дар ҷаҳон миқдори хеле зиёди касбҳои гуногун ба вуҷуд омадааст, ки дар замонҳои мухталифи таърихӣ арзи ҳастӣ кардаанд. Дар ин радиф ақидаи муаллиф дар бораи он, ки рушди илму техника, автоматикунонии истеҳсолот, ҷорӣ намудани равандҳои нави технологӣ, таҳкими пойгоҳи моддию техникии истеҳсолот омилҳое мебошанд, ки масоили корҳои касбинтихобкуниро ба қатори вазифаҳои муҳимтарини давлатӣ мебароранд, хеле ба маврид ва ҷолиби диққат аст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Омодагии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ва имконияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» – масъалаҳои моҳият, мундариҷа ва навъҳои корҳои касбинтихобкунӣ, босалоҳият тайёр кардани омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ баррасӣ шудааст. Дар ин боб муаллифи рисола таъкид менамояд, ки ташаккули босалоҳиятии касбии омӯзгори оянда дар вазъиятҳои ҳаётии мухталиф ва дар иҳотаи теъдоди касбҳои гуногун ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини низоми маориф табдил меёбад.

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки маҳз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шавқу рағбати насли наврас ба намудҳои мухталифи фаъолият шакл мегирад. Бо фикри муаллифи рисола корҳои касбинтихобкунӣ, ки дар раванди таълим ва берун аз дарс амалӣ

мегарданд, бояд инкишофи хусусиятҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои эҷодии ҳар талабаро таъмин кунанд.

Боиси тазаккур аст, ки корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" гузаронида шудааст ва натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрогардида ба тавзеаи муносибатҳо ба ҳалли масъалаҳои омодагии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ имкон медиҳанд ва метавон пойгоҳи таҳқиқоти минбаъдаи асосҳои назариявии раванди ба донишҷӯён таълим додани корҳои касбинтихобкунӣ дар фаъолияти касбӣ гарданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф оид ба муайянсозӣ, асоснокkунӣ ва истифодаи усулҳои мутаносиби таълимию тарбиявӣ ва гузаронидани озмоиш дар ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ вазифаҳои ба миёнгузошта пурра иҷро гардида, натиҷаҳои зарурӣ ба даст оварда шудаанд.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмпирии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст,ки яке аз ҷиҳатҳои хуби диссертатсияи Носирова М.Н. дар он мебошад, ки мушоҳидаи дарозмуддати фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки бо корҳои касбинтихобкунӣ машғуланд ва таҳлили сарчашмаю манбаъҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба муаллиф имконият додаанд, ки низоми донишу маҳоратҳои касбӣ-педагогии касбинтихобкуниро муайян ва дар бахшҳои зерин: тарҳрезӣ (конструктивӣ), идоракунӣ, ташкилӣ, маърифатӣ, гностикӣ, амалӣ гурӯҳбандӣ намоянд.

Дар маҷмуъ ба диссертант Носирова М.Н. муяссар гардидааст, ки ба объекти пажӯҳиш такъя намуда, вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ роҳандозӣ кунад. Таҳқиқоти ба охиррасида дорои аҳамиятҳои назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар фаъолиятҳои илмиву таълимӣ бе ягон мамоният дар муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ истифода намудан имконпазир аст.

Дастовардҳои илмии таҳқиқот дар омӯзиш ва ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда оиди ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат ҳамчун манбаи зарурӣ ба ҳисоб рафта, хулосаву натиҷаҳои соҳибшудаи диссертантро дар омӯзиши масъалаҳои мубрами ин равия ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар ҳолати дар диссертатсия маълумотҳо ва диаграммаи натиҷаи таҳқиқотҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ барои муқоиса бо тартиби муайян ва паи ҳам нишон дода мешуданд, қимати рисола боз ҳам баландтар мегардид;

2. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки дар бораи шакл ва усулҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ оиди корҳои касбинтихобкунии хонандагон ба таври мушахасс маълумот дода мешуд.

3. Хуб мешуд, ки диссертант доираи пойгоҳи таҳқиқотии худро васеътар менамуд.

4. Дар рисола баъзе хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳо баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

**ХУЛОСА**

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 12 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 6 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Носирова Машҳра Негматовна ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна таҳти унвони

«Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи ««Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”- и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Носирова Машҳура Негматовна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) шоиста аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ
ба номи акад.Б.Ғафуров” Шаропов Шавкат Аҳмадович

**Суроға**:735700, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. Тел.+992-927717870. Почтаи электр. Sharofzod1954@mail.ru

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ– и МДТ “ДДХ*
*ба номи акад.Б.Ғафуров”* *Наврузов Э.М.*
20.01.2023с.